# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ДАР БОРАИ МОРАТОРИЙ БА САНҶИШҲОИ ФАЪОЛИЯТИ СУБЪЕКТҲОИ СОҲИБКОРӢ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқии татбиқи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъект-ҳои соҳибкориро (ба истисноии санҷишҳои мақомоти андоз) муайян карда, тартиби татбиқи мораторийро муқаррар ва ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро ҳифз менамояд.

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

**1) мораторий ба санҷишҳо** – муваққатан боздоштани қисми муайяни ваколатҳои дар асоси Қонуни мазкур ва ё дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқарраршудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ;

**2) субъектҳои соҳибкорӣ** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки мутобиқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд;

**3) санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ** – намуди фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла омӯзиш, таҳлил ва назорати фаъолияти субъекти соҳибкорӣ оид ба мутобиқати он ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**4) мақоми ваколатдори давлатӣ** – мақоми давлатӣ оид ба сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, ки барои мониторинги татбиқи мораторий ба санҷишҳо масъул мебошад;

**5) давраи мораторий ба санҷишҳо** – мӯҳлате, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардида, дар давоми он санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ манъ карда шудаанд;

**6) мақомоти ваколатдори давлатии назоратию санҷишӣ** – мақомоти давлатие, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои гузаронидани санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ мебошанд;

**7) Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ** – мақоми машваратӣ ва доимоамалкунандаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Боздоштани амали муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

1. Дар давраи татбиқи мораторий ба санҷишҳо амали муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ, ба истисноии ҳолатҳои пешбининамудаи моддаи 4 Қонуни мазкур, боздошта мешавад.

2. Баъд аз анҷоми мораторий ба санҷишҳо, санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар давраи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ манъ аст.

**Моддаи 4. Истисноҳо дар татбиқи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти -субъектҳои соҳибкорӣ**

1. Муқаррароти Қонуни мазкур нисбат ба санҷишҳои мақомоти андоз татбиқ намегарданд.

2. Санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ оид ба иҷро намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикис-тон, новобаста ба муқаррароти моддаи 3 Қонуни мазкур, дар ҳолатҳои зерин таъин ва бо огоҳонидани Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ гузаронида мешавад:

1) бо мақсади танзими давлатии дурустии ташаккулёбӣ ва татбиқи нархҳои мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ;

2) дар асоси супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) дар асоси аризаи субъектҳои соҳибкорӣ ҳангоми барҳамдиҳӣ;

4) дар асоси дархости расмии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳангоми мавҷуд будани парвандаи ҷиноятӣ.

3. Санҷишҳое, ки тибқи қисми 2 моддаи мазкур гузаронида мешаванд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дафтари бақайдгирии санҷишҳо қайд карда мешаванд.

**Моддаи 5. Мониторинги татбиқи мораторий ба санҷишҳо**

1. Мақоми ваколатдори давлатӣ мониторинги татбиқи мораторий ба санҷишҳои фаъо-лияти субъектҳои соҳибкориро мегузаронад.

2. Мониторинги татбиқи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ баъд аз анҷоми мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ гузаронида шуда, аз натиҷааш ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод карда мешавад.

**Моддаи 6. Ҳалли баҳсҳо**

Баҳсҳо вобаста ба татбиқи мораторий ба санҷишҳо аз ҷониби Шурои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ ва ё суд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

**Моддаи 7. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 8. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъо-лияти субъектҳои соҳибкорӣ»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» аз 8 июни соли 2022 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022, №6, мод. 342) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 9. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 11 феврали соли 2025, №2142**

## ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
### Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъект-ҳои соҳибкорӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси Маҷлиси миллии**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустами ЭМОМАЛӢ**
**ш. Душанбе, 3 феврали соли 2025, №598**

## ҚАРОРИ
## МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ
## МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ»

Мутобиқи моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъект-ҳои соҳибкорӣ» қабул карда шавад.

2. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2022, №700 «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2022, №4-5, мод. 249) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Раиси Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон М. ЗОКИРЗОДА**
**ш. Душанбе, 31 январи соли 2025, №1568**